# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАСТУРИ
**мухтасари пуркунии ҳисобот**

Ҳисоботи мазкурро ҳамаи бозорҳои ашё, омехта ва озуқаворӣ новобаста аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликият ба мақомоти омори маҳаллии ҷойгирифтаашон рӯзи 10 –уми баъди давраи ҳисобот пешниҳод менамоянд.

Дар сатри 01 шумораи умумии нуқтаҳои фурӯш дар бозор дар асоси ҳуҷҷатҳои тарҳрезии сметавӣ нишон дода шавад. Дар сатрҳои 02 ва 03 шумораи нуқтаҳои фуруши бозорро аз рӯи категорияи «соҳибкорони инфиродӣ» ва «шахсони ҳуқуқӣ» нишон дода шавад.

Дар сатри 05 бошад шумораи фурӯшандагон, ки амалан дар давраи ҳисобот фаъолият доранд, нишон дода шавад. Шумораи фурӯшандагон дар бозор дар давоми семоҳа, аз рӯи ҳуҷҷатҳои асосӣ (расид оид ба пардохт), ки аз ҷониби нозирони бозор ҷамъоварӣ мегарданд, нишон дода мешаванд.

Дар сатри 06 ҷамъи пардохт барои истифодаи нуқтаи фурӯш дар бозор нишон дода шавад.

Дар сатри 07 шумораи рӯзҳои кории бозор нишон дода мешаванд. Шумораи рӯзҳо аз рӯи рӯзҳои амалан фаъолият кардани бозор ба қайд гирифта мешавад, чунки на ҳамаи бозорҳо доимӣ фаъолият доранд.